**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Саидзода Муҳаббат Шералӣ дар мавзӯи «Масоили онлавӣ-ҳуқуқнн тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшнносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳлили матни диссертатсия (саҳ. 5) ва автореферати (саҳ. 4) унвонҷӯ Саидзода Муҳаббат Шералӣ собит менамояд, ки мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи барномаи панҷсолаи мавзӯи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили асосҳои қонунгузории ҳуқуқи хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2019» дар шуъбаи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ омода шудааст.Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пурра ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки дар мавзӯи **«Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** анҷом дода шудааст, пеш аз ҳама, ба ҳалли яке аз проблемаҳои мубрами илми ҳуқуқи оилавии кишварамон нигаронида шудааст. Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот дар он зоҳир мешавад, ки пас аз соҳибистиқлол гардидани кишварамон, ҷумҳурии мо низ ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гашт, ки ин раванд аз як ҷиҳат тарафи мусбиро доро буда,

бо воридшавӣ ба ин раванд сатҳи ошноии кӯдакон ба техникаву технологияи навин баланд гашта, аз дастовардҳои илму техника бохабар шуда, ҳамзамон аз фарҳанги мардуми дунё огаҳ гаштанд. Дар баробари ин ҷиҳатҳои мусбӣ, раванди ҷаҳонишавӣ ба он оварда расонид, ки падидаҳои номатлуб ба монанди терроризм, экстремизм, рӯ овардан ба фарҳанги бегона дар байни кӯдакон ва ҷавонон афзоиш ёфта, ин ҳолат боиси коҳиш ёфтани эҳтиром ба арзишҳои миллӣ гашта,дар натиҷа сатҳи таълиму тарбия дар ҷомеа ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ нашуда истодааст. Чунин омил ба монанди муҳоҷирати меҳнатӣ, ки тамоми ҷаҳон аз ҷумла ҷумҳурии моро фаро гирифтааст ва дар натиҷаи он кӯдакон аз тарбияи хонаводагӣ дур монда, ин ҳолат садди роҳи ноил шудан ба ҳадафҳои пешгирифтаи қонунгузорӣ мешавад.

Зеро, таҳлилҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки субъектони таълим ва тарбияи кӯдакон, хусусан падару модар вазифаҳои худро вобаста ба таълиму тарбия на ҳамавақт дуруст иҷро менамоянд. Гузашта аз он даъвату хатарҳое, ки имрӯзҳо кӯдакон бо он дучор мешаванд, на танҳо давлат ва ҷомеаро, балки омодагии касбии падару модарро ба иҷрои уҳдадориҳои тарбиявӣ низ талаб менамояд. Аз ин рӯ,  танзими ҳуқуқӣ ва амалӣ намудани механизмҳои ҳуқуқӣ вобаста ба масъалаҳои тарбияи кӯдакон дар оила нокифоя буда, таҳлили минбаъдаи назариявӣ ва пешниҳодҳои амалиро тақозо менамояд. Зеро тарбия дар ҳамаи давру замон ва тамоми халқҳо зуҳуроти муҳими ҳаёти маънавии ҷомеа буда, бе мавҷуд будани тарбия ҳаёти ҷамъияти инсонӣ маъно надорад. Масоили ҷойдошта дар рушди ҳамаи шаклҳои тарбияи кӯдакон ин то ба охир нарасидани танзими ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Нуқтаҳои зикргардида шаҳодати муҳимияти таҳқиқоти мушкилоти маҷмӯии ҳуқуқӣ-оилавии тарбияи кӯдакон дар Тоҷикистон мебошад. (саҳ.4-5).

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дарачаи навгонии натичаҳои илмии бадастовардаи таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир меёбад, ки мавзӯи масоили оилавӣ-ҳукукии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нахустин таҳқиқоти илмӣ дар сатҳи диссертатсия мебошад. Навгонии диссертатсияи мазкурро такики масъалаҳои мухимми вобаста ба тарбияи кӯдакон дар оила аз ҷумла хусусиятҳои тарбия, мафҳуми он, маҳфуми оила, усулҳо ва навъҳои ҷобачокунии кӯдаконе, ки аз парастори падару модар дур мондаанд, ташкил медиҳад. Гузашта аз он тарбия дар ҳар давру замон яке аз унсури асосии ҷомеъа маҳсуб ёфта бе мавҷудияти он ҳаёти инсонӣ маънӣ надорад. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши мавзӯи мазкур як зумра нуктаҳои нави илмиро муайян ва пешниҳод намудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи оилавӣ ва қонунгузории он арзиши муҳимми назариявӣ ва амалиро соҳиб мебошанд (саҳ. 11, 12, 13, 14 ).

Муаллиф қайд менамояд, ки новобаста аз кафолати қонунгузории тарбияи оилавии кӯдакон дар ҶТ имрӯз дар ҷомеа як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки барои дар оила тарбия ёфтани кӯдакон монеагӣ ба вуҷуд меорад ва амалӣ шудани ҳуқуқи кӯдакро барои зиндагӣ ва тарбия дар оила истисно мекунад, ки аз инҳо иборат аст:

–бекор кардани акди никоҳи падару модар. Бекор кардани акди никоҳ ба рӯҳияи кӯдакони дар он оила таваллудшуда таъсири манфии худро мерасонад. Зеро дар кӯдакон хислатҳои хомушӣ пайдо мешавад, ки ҳолати мазкур дар натиҷаи осеби рӯҳӣ ба вуҷуд меояд.

–муҳоҷирати меҳнатӣ. Яке аз масъалаи асосие, ки ба таълим ва тарбияи кӯдакон дар ҷомеаи мо таъсири манфӣ мерасонад ин муҳоҷирати меҳнатии падар ё падару модар ба шумор меравад. Зеро мувaққатан ва ё доимӣ ба муҳоҷират рафтани падар ё падару модар ва дар тарбияи кӯдак бевосита иштирок надоштани онҳо ба ҳассосияти кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад. Ин ҳолат дар натиҷаи худро танҳо ва нолозим ҳисоб намудани кӯдакон пайдо мешавад. Чунки ҳаёти муътадили оилавӣ аз байн меравад.

–модари танҳо. Кӯдаконе, ки аз тарафи модарони танҳо тарбия карда мешаванд, асосан бо хусусиятҳои занона тарбия меёбанд. Ҳолати мазкур

асосан ҳангоми умуман пайдо нашудани падари кӯдак ба вуҷуд меояд. Воқеан барои он ки кӯдак ҳамчун шахси комил ба воя расад, дар он ҳам тарбияи ҷинси мард ва ҳам тарбияи ҷинси зан лозим аст. Аммо танҳо ба як сӯ моил будан дар мавриди фароянди худҳувиятии кӯдак метавонад, мушкилотро эҷод созад.

–аз кӯдаки навзоди худ даст кашидани модарон.

–дузанагӣ ва ё бисёрзанагӣ. Хавфнокии дузанагӣ ва ё бисёрзанагӣ дар тарбияи кӯдакон дар он аст, ки он ба ҳаёти осоишта ва муътадили байни аъзоёни он таъсир мерасонад.

–кам кардани синни никоҳӣ. Шахсе, ки синни никоҳиаш кам карда шудааст, дар асл шахси ноболиғ мебошад ва вобаста ба ҳолати рӯҳӣ он ба ҳаёти мустақилонаи оилавӣ ба пуррагӣ омода намебошад. Зеро ворид шудан ба муносибатҳои оилавӣ ин қадами муҳими мустақилонаи инсонӣ мебошад, ки ҳар яки мо онро дар ҳаёти худ аз сар мегузаронем. Чунин иқдомро пеша намуда, мо шомили камолоти аслии ҷамъиятӣ мегардем. Ин пеш аз ҳама маънои ба зимма гирифтани масъулият барои дигар шахс ва кӯдакони дар оянда таваллуд мешуда мебошад. Оқибати манфии кам кардани синни никоҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки модари кӯдак, ки синни никоҳиаш кам карда шудааст, ҳоло худ ба навозиши падару модар ва тарбия ниёз дорад.

–аз ҷониби ноболиғон содир шудани ҷиноятҳо.

–Диссертант ба чунин хулоса омадааст, ки тарбия ин ҷараёни бефосила ва меъёрию танзимшаванда мебошад, ки тавассути субъектҳои махсус амалӣ карда шуда, барои баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак ва омодагии он ба ҳаёти мустақилона равон карда мешавад. Тарбия дорои хусусиятҳои зерин мебошад, ки аз дигар намудани фаъолияти иҷтимоӣ фарқ мекунад:

–тарбия ин ҷараёни дақиқ муайяншуда аст, яъне, ҳар як марҳилаи тарбия, мақсад, вазифаи тарбия бо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд (КО ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф»). Субъектони тарбия аз доираи ваколатҳои худ баромада наметавонанд, зеро

бо қонунгузорӣ барои иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби вазифаҳо оид ба тарбияи ноболиғон ҷавобгарӣ пешбинӣ шудааст .

- тарбия пеш аз ҳама барои таъсиррасонии равонии кӯдак нигаронида шудааст. Ин хусусият аз мақсади тарбия низ бармеояд. Зеро яке аз мақсадҳои асосии тарбия ин баланд бардоштани қобилияти зеҳнии кӯдак мебошад ва субъектони тарбия барои ноил шудан ба ин мақсад ба ҳолати равонии кӯдак таъсири бевосита расонида метавонанд.

– раванди тарбия субъектҳои муайяни худро дорад. Субъектҳои тарбия бо қонунгузорӣ муайян карда шудаанд (падару модарон, омӯзгорон, давлат ва ҷомеа)

– тарбия табиати беинтиҳо дорад. Моҳияти хусусияти мазкур дар он зоҳир мегардад, ки тарбия аз падидаҳои ахлоқӣ-ҳуқуқӣ, динию сиёсӣ, урфу одат ва анъанаҳо, арзишҳо ва фарҳанги миллӣ иборат буда, аз мавҷудият оғоз гардида то охири ҳаёт идома мeёбад. Синну соли муайян ё ягон шароит вуҷуд надорад, ки ҳангоми расидан ба он ҷараёни тарбия қатъ карда шавад. Вале аз моҳияти қонунгузорӣ бармеояд, ки шахс дар синну соли муайян объект ва дар синну соли муайяни дигар субъекти тарбия мебошад. Бинобар ин инсон то охири ҳаёти худ иштирокчии ҷараёни тарбия мебошад

Муаллиф чунин мафҳуми оиларо пешниҳод намудааст: Оила ин унсури асосии ҷомеа ҳамчун иттиҳоди озод, ба таври ихтиёрӣ ва баробарҳуқуқӣ асосёфта буда, чун қоида шавҳар ва зани якумра, ки мақсади онҳо таваллуди кӯдак, тарбияи он, ба қайди давлатӣ гирифтан, ки баъдан байни субъектҳои он ҳуқуқ вазифаҳои тарафайн ба миён меояд. Ҳамин тавр, таҳти мафҳуми оила иттифоқи шахсоне, ки бо ақди никоҳ ё ин ки иттифоқи зану мард ё дигар шахсоне, ки ба тариқи расмӣ ба қайд гирифта нашудааст, хоҷагии умумӣ мебаранд, хусусияти манфиатҳои умумӣ доранд, аз ҷумла ба хешу таборӣ, тарбияи фарзандон, кӯмаки ҳамдигар асос ёфтааст, фаҳмида мешавад.

Унвонҷӯ бар он ақида аст, ки мутобиқи м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» ба салоҳияти мақоми давлатии ваколатдор оид ба

ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар ҶТ ташкил ва пешбурди Махзани ягонаи давлатии маълумот оид ба кӯдакони маъюб, кӯдакони ятим, кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, дохил мешавад. Вале таҷриба нишон медиҳад, ки то ҳол Махзани ягонаи давлатии маълумот ташкил карда нашудааст ва вуҷуд надорад. Мушкилоти мавҷуда ҳалли фавриро тақозо менамояд. Зеро мақсади Махзани ягонаи давлатии маълумот аз амалӣ намудани баҳисобгирии кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд; мусоидат намудан дар ҷойгир намудани кӯдакон барои тарбия дар оилаҳои шаҳрвандони ҶТ; муҳайё намудани шароит барои амалӣ намудани ҳуқуқи шаҳрвандоне, ки хоҳиши қабули кӯдаконро барои тарбия дар оилаҳои худ доранд ва гирифтани иттилооти пурра ва боэътимод дар бораи кӯдакон иборат аст. Вобаста ба ин муаллиф ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти диссертатсионӣ роҳҳо ва воситаҳои ташкил ва пеш бурдани Махзани мазкурро коркард карда, тағйиротҳои дахлдорро ба қонунгузорӣ пешниҳод намудааст.

Таҳлили асосҳои аз ҳуқуқи падарию модарӣ маҳрум намудан, диссертантро ба хулоса меорад, ки ба асосҳои аз ҳуқуқи падару модарӣ маҳрум намудан ворид кардани асоси «шахсе, ки бо фоҳишагарӣ машғул аст» ба мақсад мувофиқ аст, зеро шахсе, ки бо фоҳишагарӣ машғул аст (асосан модари кӯдак) бо рафтори бадахлоқонаи худба тарбияи кӯдак таъсири манфӣ мерасонад ва ба тарбияи кӯдаки худ аҳамият намедиҳад, барои он ки фоҳишагарӣ барои ин қабил ашхос сарчашмаи асосии даромад буда, ин машғулият барои баъзеҳо кори одатӣ гаштааст.

Муаллиф дар натиҷаи омӯзиши масъалаи кӯдаконе, ки берун аз никоҳи мусулмонӣ ба дунё омадаанд ва модарон бо роҳи содир намудани ҷиноят, яъне кудаки навзоди худро аз тарси зери маломати ҷомеъ мондан мекушанд, ба хулоса омадааст, ки ташкил намудани бэби-бокс яке аз воситаҳои ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакони навтаваллудшуда ва омили пешгирикунандаи содир шудани ҷиноятҳои мудҳиш муқобили кӯдакони навтаваллудшуда мебошад. Инчунин онҳо мумкин воситаи ҳифзи сирри занони бе никоҳ

таваллуд карда баромад намоянд. Моҳияти бэби-боксҳо инчунин дар он зоҳир мегардад, ки онҳо қадр ва номуси занони таваллудкардаро ҳимоя мекунанд. Чунончи, тибқи анъанаҳои мусулмонӣ агар зан бе никоҳи мусулмонӣ таваллуд кунад, он зан ҳамчун зани сабукрафтор эътироф гардида, дар ҷомеа обрӯ ва шарафи худро аз даст медиҳад. Бинобар ин, бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакони навтаваллуд пешниҳод намудааст, ки бэби-боксҳо дар ҶТ низ ташкил карда шаванд.

1. Дар натиҷаи таҳқиқи асосҳои адабиётҳои ҳуқуқӣ муаллиф ба хулоса омадааст, ки манфиати кӯдакон ҳамчун категорияи муайянкунандаи амалӣ намудани ҳуқуқи падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда мебошад, ки ба принсипҳои инсондӯстӣ, адолат ва ахлоқӣ асос ёфта, ба тарбияи дуруст ва ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон нигаронида шудааст. Манфиатҳои кӯдакон маҳаки асосие мебошад, ки дар ҳал намудани тамоми масъалаҳои марбут ба тарбияи кӯдакон ба назар гирифта мешавад.

2. Унвонҷӯ адабиётҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судро омӯхта, ба хулоса омадааст, ки дар аксарият мавридҳо мардон бо истифодаи зӯроварӣ ва ё таҳдиди истифодаи он нисбати ҷабрдида (ва ё хешовандони наздики он) ва ё бо истифодаи ҳолати оҷизии онҳо нисбати шахсони ба синни шонздаҳсола нарасида ҷиноятҳои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонидоштаро содир мекунанд. Аз ин рӯ, пешниҳод намудааст, ки дар моддаи 69 Кодекси оилаи ҶТ асоси маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарию модарӣ нисбати «шахсоне, ки барои ҷиноятҳои муқобили озодӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ маҳкум шудаанд» илова карда шавад. Зеро пеш аз синни шонздаҳсолагӣ ворид шудан ба муносибатҳои ҷинсӣ ба инкишофи физиологӣ ва рӯҳии кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Истисно нест шахсе, ки ҷинояти дар боло зикршударо содир намудааст «васвосии шаҳвонӣ» бошад ва пас аз адо намудани ҷазо мумкин аст, ки он ҷиноятро нисбати наздикони худ низ содир намояд. Аз ин рӯ, мувофиқи мақсад шуморидааст, ки барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон баъди эътибори қонуни пайдо намудани ҳукми суд нисбати шахсе, ки бо ҷиноятҳои категорияи мазкур маҳкум шудааст, прокурор бо аризаи

даъвогӣ дар бораи маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарию модарӣ ба суд мурочиат намояд. Бинобар ин, зарур донистааст, ки дар м. 47 Кодекси мурофиавии граждании ҶТ тағйироти дахлдор ворид карда шавад. Зеро аз рӯйи анъана ва фарҳанги тоҷикӣ модари кӯдак наметавонад нисбати шавҳари худ дар бораи маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарӣ мурочиат намояд, гарчанде ки қонунгузории ҶТ чунин имкониятро пешбинӣ намудааст. Инчунин мувофиқи мақсад аст, ки яке аз асосҳои маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарию модарӣ ин нисбати шахсоне пешбинӣ карда шавад, ки онҳо барои ташкил ва нигоҳ доштани фоҳишахонаҳо, даллагӣ бо мақсади ғаразнок машғул мебошанд, пешбинӣ карда шавад. Чунки шахсе, ки ба фоҳишагарӣ (асосан модари кӯдак) машғул мебошад, бо рафтори зиддиахлоқии худ ба тарбияи кӯдакон таъсири манфӣ мерасонад ва умуман ба тарбияи кӯдакон аҳамият намедиҳад.

Муаллиф масъалаи ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар мондаро мавриди таҳқиқоти илмӣ карор дода ба хулоса омадааст, ки дар байни мафҳумҳои «кӯдакони ятим» ва «кӯдакони бе парастории падару модар монда» фарқият гузошта шудааст. Тафриқагузории мафҳумҳои мазкур аҳамияти амалӣ дорад. Қонунгузор мафҳумҳои мазкурро ба он хотир пешбинӣ намудааст, ки онҳо шаклҳои ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модар мондаро муайян мекунанд. Чунончи, кӯдакони ятим пеш аз ҳама ба фарзандхондӣ дода мешаванд ва кӯдакони бе парастории падару модар монда бошад ба дигар шаклҳои ҷобаҷокунии кӯдакони ятим чун васоят ва парасторӣ ва дигар шаклҳо фаро гирифта мешаванд. Ҳамзамон дар диссертатсия мазкур муаллиф шаклҳои ҷобаҷокунии кӯдакони номбурдаро вобаста аз субъекти тарбияи кӯдакон ба ду гурӯҳ: шаклҳои «инфиродӣ» ва шаклҳои «ғайриинфиродӣ».

Вобаста ба муҳлат, муносибатҳо оид ба ҷобаҷокунии кӯдакон ба ду гурӯҳ: шаклҳои муваққатӣ ва шаклҳои доимӣ.

Вобаста аз низоми ҷобаҷокунии кӯдакони бе парастории падару модар монда, муносибатҳо ба муносибатҳои оилавӣ ва ғайриоилавӣ тақсим намудааст. Барои сифатнок ва дар муҳлати кӯтоҳтарин ошкор кардан ва ҷо ба

ҷо кардани кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модар монда диссертант қайд намудааст, ки бояд дар мамлакати мо механизми ошкор кардани кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модар монда, интихоб намудани номзадҳо барои тарбияи онҳо дар оилаҳои худ, дастгирии воқеии педагогӣ, психологӣ, иҷтимоӣ ва моддӣ коркард карда шавад.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Ба асоснокӣ ва муътамаду боварибахш будани хулосаҳо ва тавсияҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, таҳлили таҳқиқоти мазкур, хусусан ақидаҳои мавҷудаи илмӣ, нуқтаҳои илмии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодгардида, мафҳумҳои илмӣ, муайян ва таҳлил намудани мушкилоти гуногуни қонунгузорӣ, аз нуқтаи назари танқидӣ баҳо додани ақидаҳои илмӣ, оид ба масъалаҳои баҳснок муайян кардани мавқеи илмии мустақили хеш, ҳамзамон асоснок намудани хулосаи таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар натиҷаи истифодаи номгӯи адабиёти илмии гуногун ба даст омадаанд, шаҳодат медиҳанд.

Диссертатсия ягонагии дохилӣ дошта, сохтори он вобаста ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти мазкур, инчунин талаботи таҳқиқоти муттасил ва аз ҷиҳати мантиқӣ низ дуруст корбаст карда шудааст. Таҳқиқи масъалаҳои дар бобҳо ва зербобҳои диссертатсия банақшагирифташуда бо назардошти таҳқиқи мантиқӣ, тибқи усули илмии гузариш ба мафҳумҳо ва ақидаҳои илмии умумӣ ва мушаххас ва пай дар пай таҳлил намудани қонунгузорӣ амалӣ гардидааст. Унвонҷӯ, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ методҳои ҳуқуқии умумиилмӣ диалектикӣ, таҳлили низомнок, функсионалӣ, таҳлил ва синтез, усулҳои мантиқии мушоҳида ва пешгӯии илмӣ, инчунин методҳои махсуси илмӣ низ, аз қабили таърихӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ, низомӣ-сохторӣ низ истифода гардидааст. Ҳамзамон, муаллиф зимни истифодаи адабиёти гуногуни илмӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод низ, ки аз талаботи банди 18 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм,

авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ба миён меояд, ишора намудааст.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишои додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо**.

Нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчун манбаҳои боварибахш аз лиҳози илмӣ асосноку санҷидашуда ва мантиқан дуруст буда, барои дар фаъолияти илмӣ ва таълимӣ, хусусан зимни навиштани корҳои гуногуни илмӣ-таҳқиқотӣ дар шакли корҳои илмии мустақилонаи таҳсилгирандагони зинаҳои гуногуни таҳсилоти касбӣ, мақолаҳои илмӣ, диссертатсияҳо, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳо ва барномаҳои таълимӣ ҳамзамон зимни тадриси фанҳои таълимӣ, курсҳо ва семинарҳои махсус, зимни таҳия ва такмили қонунгузории оилавӣ аз ҷумла консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатӣ, низ вобаста ба мавзӯи таҳқикот истифода намудан мумкин аст.

Дар фаъолияти амалӣ бошад, натиҷаи илмии таҳқиқоти мазкурро дар таҷрибаи фаъолияти мақомоти васоят ва парасторӣ, комиссияҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи кӯдак, ҳамчун васоити таълимӣ дар мактабҳои олӣ ва дар таҷрибаи фаъолияти мақомоти судӣ низ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли баҳсҳои оилавӣ, ки ба масъалаи тарбияи кӯдакон вобаста аст, истифода намудан аз манфиат холӣ намебошад. Дар маҷмӯъ, истифодаи тавсияҳои мазкур, аз аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур вобаста ба мавзӯи масоили оилавӣ- ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон башорат медиҳанд.

**Ҷои намудани таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар матбуоти илмӣ**. Аз ҷониби унвонҷӯ, 7 мақолаи илмӣ оид ба масъалаҳои гуногуни ба тарбияи кӯдак дар оила алоқаманд буда ба дасти чоп расонида шудааст, ки аз ин шумора 4 адади он дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи

Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.**

Муаллиф дар заминаи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот номгӯи масъалаҳо ва мушкилоти гуногун, ҳамзамон муҳим ва зарурии марбут ба мавзӯи диссертатсияро мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор додааст. Мақсади таҳқиқот аз таҳлили муқаррароти қонунгузории амалкунандаи ҶТ, омӯзиши масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии масоили оилавӣ- ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ин замина коркард ва манзур намудани пешниҳодоти дахлдор ҷиҳати боз ҳам муккамал гардонидани қонунгузорӣ вобаста ба масоили тарбияи кӯдакон дар оила иборат аст.

Вазифаҳои таҳқиқоти мазкур омӯзиши ҷанбаи таърихии тарбияи кӯдакон;

таҳлили қонунгузории амалкунанда дар бораи тарбияи кӯдакон ва таҷрибаи татбиқи он, таҳқиқоти мафҳуми тарбияи кӯдакон дар ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогӣ, таҳлили маҷмӯии танзими ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар оила, омӯзиш ва ҷамъбасти сиёсати давлатӣ ба манфиати оила ва неруи тарбиявии он, ошкор намудани хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии субъект дар муносибатҳои тарбиявии ҳуқуқӣ,омӯзиши маҷмӯии тарбияи кӯдаконе, ки бе парастории падару модар мондаанд, ба ҳисоб меравад (саҳ. 8).

Ҳалли вазифаҳои номбурда, ки дар як вақт нақшаи илмии таҳқиқоти мавзӯи мазкурро низ ташкил медиҳанд, таҳқиқ ва омӯзиши онҳо, хусусан дар шароити имрӯза аз лиҳози илмӣ муҳим ва зарурӣ буда, ҷиҳати пурра ва ҳаматарафа равшан намудани паҳлуҳои ҳанӯз норавшани масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар кишварамон равона гардидааст. Диссертатсияи мазкур ҳамчун таҳқиқоти илмии мустақил аз муқаддима, се боб, ки ҳашт зербобро фаро гирифтааст, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 238 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода М.Ш., ба талаботи бандҳои 10, 11, 12, 13, 14, 15 ва 16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва

унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, мутобиқат намуда, ҳамчун таҳқиқоти мукаммали илмии тахассусии ба ҳадафи худ ноил гардида мебошад. Таҳқиқоти мазкур ба талаботи муқаррарнамудаи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдик шудааст, мутобиқат менамояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои илмии бадастовардаи таҳқиқоти мазкур дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар Тоҷикистон яке аз аввалин таҳқиқотҳои назариявие ба ҳисоб меравад, ки дар он таҳлили маҷмӯии танзими ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар оила оварда шудааст. Дар кор бо дарназардошти вазъи имрӯзаи илми ҳуқуқшиносӣ маҷмӯи масъалаҳои зерин таҳқиқот карда шудаанд: 1) мафҳуми оила ва аҳамияти он дар тарбияи кӯдакон; 2) мафҳуми тарбияи кӯдакон аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ; 3) таҳлили доираи амалӣ намудани ваколатҳои субъектони таълиму тарбияи кӯдакон; 4) масъалаҳо вобаста ба ошкор ва ҷобаҷокунии кӯдакони ятим ва кӯдакони бе парастории падару модар монда ва шаклҳои ҷобаҷокунии онҳо. Навгонии илмии кор бо натиҷаи фарогири таҳқиқот муайян карда шуда, дар он аввалин маротиба ё ба таври нав муқарраротӣ барои ҳимоя пешниҳодшуда ошкор ва асоснок карда мешавад. (саҳ. 10-11).

3. Муаллиф дар натиҷаи таҳқиқ ва омӯзиши мавзӯи мазкур як зумра нуктаҳои нави илмиро муайян ва пешниҳод намудааст, ки онҳо дар илми ҳуқуқи оилавӣ ва қонунгузории он арзиши муҳимми назариявӣ ва амалиро соҳиб мебошанд (саҳ. 11, 12, 13,14).

Чун қоида, дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур баъзе масъалаҳои аз лиҳози илмӣ баҳснок низ ба назар мерасанд, ки дар ҷараёни ҳимояи ошкорои диссертатсия нисбати онҳо таваҷҷуҳ намудани унвонҷӯ муҳим мебошад.

1. Диссертант дар натиҷаи гузаронидани тадқиқоти илмӣ якчанд хулосабарориҳои бамаврид ва асоснок пешниҳод намудааст, ки барои рушди илми ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ аҳамияти калон доранд. Аз ҷумла, яке аз чунин пешниҳодҳо ин нуктаи навгони рақами 8 мебошад, ки дар он муаллиф қайд менамояд, ки "ташкил намудани бэби–бокс яке аз воситаҳои ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакони навтаваллудшуда ва омили пешгирикунандаи содир шудани ҷиноятҳои мудҳиш муқобили кӯдакони навтаваллудшуда мебошад. Инчунин онҳо мумкин воситаи ҳифзи сирри занони бе никоҳ таваллуд карда баромад намоянд. Моҳияти бэби-боксҳо инчунин дар он зоҳир мегардад, ки онҳо қадр ва номуси занони таваллудкардаро ҳимоя мекунанд. Чунончӣ тибқи анъанаҳои мусулмонӣ агар зан бе никоҳи мусулмонӣ таваллуд кунад, он зан ҳамчун зани сабукрафтор эътироф гардида, дар ҷомеа обрӯ ва шарафи худро аз даст медиҳад. Бинобар ин, бо мақсади ҳифзи ҳаёт ва саломатии кӯдакони навтаваллудшуда пешниҳод мекунем, ки бэби-боксҳо дар ҶТ низ ташкил карда шаванд. Зеро танҳо дар давоми солҳои 2016–2018 дар ҶТ зиёда аз 10 ҳолати куштори кӯдакони навзод аз ҷониби модари онҳо ба қайд гирифта шудааст." (саҳ. 13 дисс.)

Дар ҳақиқат ба андешаи мо ин пешниҳод қобили дастгирист, аммо бояд қайд намуд, ки ҳангоми ба чунин хулосабарори омадан муаллиф урфу одатҳо, анъанаҳои миллӣ ва парастиш доштани дини исломро аз ҷониби мардуми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат нагирифтааст. Бэби-бокс ин падидаи ғарб буда, ба ахлоқ ва маданияти мо бегона мебошад ва ҷори намудани чунин як падидаи нав дар ҷумҳурӣ ҳангоми ҷаҳонишавии давлат ва ҳуқуқи мо як дараҷа арзишҳои миллии моро халладор месозад. Гарчанде ин падида барои нигоҳ доштани ҳаёти кӯдаки навзод, обрӯю эътибори заноне, ки бе шавҳар тавлид мекунанд, хеле мусбӣ арзёбӣ

мегардад. Ба андешаи мо пешниҳоди мазкур асосноккунии иловагиро талаб менамояд.

2. Дар қисмати ворид намудани илова ба Кодекси оилаии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф пешниҳод намудааст, ки моддаи 158[4]. Кӯдаконе, ки нисбати онҳо оилаи (мурабии) парастор таъин карда мешавад, якчанд муққарраротҳо пешбинӣ карда шавад. Аз ҷумла, муаллиф пешниҳод менамояд, ки "ҷудо кардани бародарону хоҳарон иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки он ба манфиатҳои кӯдакон ҷавобгӯ мебошад ва кӯдакон дар бораи асли худ намедонанд ва онҳо якҷоя зиндагонӣ накарда, якҷоя тарбия нагирифтаанд". Масъалаи мазкур хело баҳснок мебошад, гарчанде ин масъалаи ҳам дар назария ва таҷрибаи судӣ дастгирӣ ёфтааст. Ба андешаи мо аз ҳам ҷудо намудани бародарон ва хоҳарони хунӣ умуман қобили дастгирӣ нест, чунки он метавонад ба инкишофи равонии кӯдакон ва меҳру муҳаббати бародариву хоҳарӣ таъсири мусбӣ расонад. Илова бар ин, ин ба менталитети халқи тоҷик бегона буда, дар давраи шӯравӣ ба низоми мо ворид карда шудааст. Аз ин рӯ, ин масъалаи мазкур низ ҳам асосноккунии таҷрибавӣ ва назариявиро талаб менамояд. (саҳ. 17 дисс.)

3. Муаалиф дар тадиқиқоти диссертатсионӣ қайд менамояд, ки якчанд омилҳое мавҷуданд, ки дар тарбияи кӯдакон дар оила таъсири худро мерасонанд, аз ҷумла, зӯроварӣ дар оила мебошад. Ба андешаи муаллиф "ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи зӯроварии оилавӣ-маишӣ гӯё мушкилоти доимии ҷомеа ба шумор меравад. Дар баробари ин, сатҳи солимӣ дар оилаи алоҳидаи тоҷик аҳамият надорад. Далелҳои бисёри зӯроварӣ дар оила ба қайд гирифта намешаванд ва воқеият нисбат ба ин гуна мурочиатҳои бақайдгирифташуда хеле зиёд аст. Ин бо он асоснок карда мешавад, ки бисёре аз одамон ё аз якдигар вобастаанд, ё аз хархашагарии оилавӣ метарсанд, ё тамоман намехоҳанд, ки «баҳси оилавиро ба берун бароранд», ки ҳамаи ин дар оянда ба ҷиноятҳои мухталиф оварда мерасонад." (саҳ. 119-120 дисс.)

Дар баробари ин, муаллиф зикр менамояд, ки вобаста ба пешгирии зӯроварӣ дар оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Қонуни ҶТ «Дар бораи пешгирии зӯроварӣ дар оила» амрномаи муҳофизатӣ нисбат ба шахси аз зӯроварӣ зарардида татбиқ карда мешавад. Аммо аз ҷониби муаллиф вобаста ба механизми татбиқнамоии амрномаи муҳофизатӣ нисбати кӯдакон аллалхусус дар минтақаҳои дурдаст, деҳот ва деҳаҳои алоҳидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда нашудааст.

Албатта, эродҳои номбаршуда танҳо аз ҷиҳати илмӣ мубоҳисавӣ буда, арзиши таҳқиқоти диссертатсиониро паст наменамоянд ва хусусияти дар таҳқиқотҳои минбаъдаи илмӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиши алоҳида қарор гирифтанро соҳиб мебошанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии шахсони довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд.** Муаллиф, Саидзода М.Ш., ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои ҶТ ба ҳисоб меравад, ки чунин ҳолат гӯвоҳи мутобиқати ихтисоси илмии ӯ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Қисмати хотимавии тақриз.** Саидзода Муҳаббат Шералӣ доир ба ҳалли яке аз масъалаҳои мубрам ва ҳалталаби илми ҳуқуқи оилавии кишварамон диссертатсияи мукаммали илмӣ-тахассусии анҷомёфтаро пешниҳод намудааст, ки муқаррароти асосии он дар автореферати диссертатсия инъикос гардидааст. Автореферат ба мазмун ва муҳтавои диссертатсияи номзадӣ ҷавобгӯ мебошад ва ба он мувофиқат менамояд. Таҳқиқоти диссертатсионии Саидзода М.Ш., дар мавзӯи «Масоили оилавӣ-ҳуқуқии тарбияи кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои илми ҳуқуқи оилавӣ, хусусан дар шароити соҳибистиқлолии ҷумҳуриамон аз аҳамият холӣ набуда, кори илмӣ-тахассусии ба мақсади хеш ноил гардида буда, дар он муқаррароти муҳими назариявӣ ва амалӣ мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор

дода шуда вобаста ба ҳалли самарабахши масъалаҳо ва мушкилоти муайянгардида таклифу пешниҳодҳои судманди илмӣ баён гардидааст.

Тақризи мазкур дар доираи талаботи муқаррарнамудаи бандҳои 74-75-и Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва банди 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри сол 2016, №505 тасдиқ гардидааст, омода ва пешниҳод гардидааст.

Таҳқиқоти мазкур ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферат ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, мувофиқат намуда, муаллифи он Саидзода Муҳаббат Шералӣ бошад, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**дотсент, декани факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи (Славянин) Россия**
**ва Тоҷикистон** **Золотухин А.В.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе,**
**Донишгоҳи (Славянин) Россия ва Тоҷнкистон 734000, ш. Душанбе**
**кӯчаи М. Турсунзода, 30.**
**E-mail:mczolotoy@rambler.ru Тел:+992 37 221 35 50**
**Факс: + 992 37 221 35 50**

**Имзои Золотухин А.В. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи (Славяиии) Россия ва**
**Тоҷикистон** **Алиев А.Ҷ.**